201__ A
nomidagi O'zbekiston MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

13 майи соли 2020. Чоршанбе № 29 (14628)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ДАСТГИРИИ МИНБАЪДАИ ФАЪОЛИЯТИ СОДИРОТӢ

Дар солҳои охир ба дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротии субъектҳои соҳибкорӣ таваҷҷӯҳи доимӣ дода мешавад.

Аз ҷумла, Агентии пеш бурдани содирот дар назди Вазорати сармоя ва тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон таъсис дода шуда, механизмҳои дастгирии молиявии корхонаҳои содиротӣ барои афзоиши ҳаҷми содирот фароҳам оварда шуданд.

(Давомаш дар саҳ.2).

## НОМАИ КОТИБИ ГЕНЕРАЛИИ СММ БА ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН




**Ба Волоҳазрат, ҷаноби Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

Муҳтарам Ҷаноби олӣ!

Мехоҳам барои мактуби Шумо ҷиҳати даъвати ман доир ба оташбаси ҷаҳонӣ миннатдории самимӣ изҳор намоям. Ман аз он рӯҳбаланд будам, ки то чӣ андоза даъвати мазкур аз ҷониби пешвоёни ҷаҳон ва ҳукуматҳо дар тамоми дунё ва ҳамчунин шариконӣ минтақавӣ, ҷамъияти шаҳрвандӣ ва роҳбарони динӣ вокуниши мусбӣ ба вуҷуд овард. Хусусан муҳим аст, ки даъват аз чандин ҷониби даргир бори аввал акси садои мусбӣ ба вуҷуд овард.

Ман ҳанӯз аз тақдири онҳое нигарон ҳастам, ки аз мунокиша на ба андозаи ченаки худ зарар дида, дар муқобили пандемия бештар заиф гардиданд ва таъкиди масъулияти ҳамаи моро оид ба ҳимояи аҳолии мулкӣ, хусусан занон, кӯдакон ва гурӯҳҳои хурд идома медиҳам. Ман барои кӯшиши мамлакати Шумо дар заминаи кӯмаки башардӯстона ба давлатҳои зарардидаи минтақа, аз ҷумла Ҷумҳурии Исломии Афғонистон амиқан миннатдор ҳастам.

Инчунин, иҷозат бидиҳед, чорабиниҳои қатъии андешидаи Ҳукумати Шуморо дар бобати ҷилавгирии паҳн гардидани вирус дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва ҳамчунин нармсозии оқибатҳои иҷтимоиву иқтисодии пандемия, инчунин барои қишри ҳарчи заифи аҳолӣ олӣ арзёбӣ намоям. Ман инчунин аз дараҷаи баланди ҳамкории байни Ҳукумати Шумо ва Гурӯҳи мамлакатии СММ зери роҳбарии резидент-ҳамоҳангсоз рӯҳбаландам.

СММ бо тамоми муассисаҳои ҳукуматӣ ва ташкилотҳои манфиатдор барои он ки ба ҷонибҳои даргир барои аз изҳорот ба азми нек ва ё муваққатан оташбас эълон намудан то поёнёбии ҷанг, даст ёфтан ба қарорҳои дарозмуддати сиёсӣ ва роҳандозии сулҳи субботнок гузаштан ҳамдастӣ намуданро идома медиҳад. Ман ба дастгирии минбаъдаи кӯшишотамон аз Шумо умед дорам.

Инчунин таъкид кардан мехоҳам, ки ман аз рахна гардидани сарбанди обанбор дар вилояти Сирдарё бо андӯҳи амиқ хабардор гардидам. Мехоҳам ҳаммаслакии худро бо мардуми Ӯзбекистон ва Қазоқистони ҳамсоя изҳор намоям, ки аз обхезӣ дар натиҷаи рахна гардидани обанбор зарар дидаанд. Ман ҳамкории байни ҳукуматҳои Ӯзбекистон ва Қазоқистонро дар заминаи кӯмак ба одамони эҳтиёҷманд олӣ арзёбӣ менамоям.

Хоҳиш мекунам, Аълоҳазрат, арзи эҳтироми амиқи маро бипазиред.

Бо таманноҳои гарми шахсӣ,

**Антониу Гутерриш,**
**Котиби генералии СММ.**

## ҲАР ЯК СОЛИ БА ТАЪХИР ГУЗОШТАШУДА ПЕШРАФТИ МОРО БА 10 СОЛ БОЗМЕДОРАД

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 11 май оид ба масъалаҳои васеъ ҷорӣ кардани иқтисодиёти рақамӣ ва низоми «Ҳукумати электронӣ» ҷамъомад баргузор намуд.**

Соли ҷорӣ бо ташаббуси сарвари давлат Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ эълон шуда буд. Дар Муроҷиатномаи моҳи январи соли ҷорӣ ба Олий Маҷлис ирсолнамудаи Президент фаъол гузаштан ба иқтисодиёти рақамӣ ба сифати яке аз афзалиятҳои асосии панҷ соли наздик муайян шуда буд.

Шароити имрӯзаи пандемия аҳамияти технологияи рақамиро бори дигар исбот кард. Маълум шуд, ки маориф, хидматҳои давлатӣ, низоми идоракунии давлатӣ, савдо ва хизматрасонӣ аз технологияҳои рақамӣ бештар вобастагӣ доранд. Хидматҳое, ки дар тӯли чандин солҳо фосилавӣ пешниҳод намешуданд, дар тӯли чанд рӯз ба шакли онлайн гузаронда шуданд.

Ба гуфтаи коршиносон, дар се соли наздик ба туфайли рақамисозии иқтисодиёт 22 дарсади ҷойҳои корӣ дар ҷаҳон бо истифода аз технологияҳои интернетӣ сохмон дода мешаванд.

Бо назардошти ин 28 апрели соли ҷорӣ қарори Президенти кишвар «Дар бораи чораҳо оид ба васеъ паҳн намудани иқтисодиёти рақамӣ ва ҳукумати электронӣ» қабул шуд. Тибқи ин ҳуҷҷат дар Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсия системаи ҳамгирошудаи иқтисодиёти рақамӣ созмон дода шуд. Аз ҷумла, вазифаҳое мисли рушди низоми «Ҳукумати электронӣ», рақамисозии бахшҳои иқтисод ва кишоварзӣ, ташкил ва идоракунии паркҳои IT комилан ба вазорат супурда шуданд.

Баробари ин, дар қарор ба таври мушаххас манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои нав нишон дода шудааст. Дар доираи системаи «Ҳукумати электронӣ» татбиқи 104 лоиҳа дар ҳаҷми 1,3 триллион сӯм, 87 лоиҳа дар ҳаҷми 5,3 триллион сӯм дар бахши воқеии иқтисодиёт, 35 лоиҳа дар ҳаҷми 15,1 триллион сӯм дар соҳаи телекоммуникатсия, 18 лоиҳа оид ба паркҳои IT ва 24 лоиҳа дар соҳаи кишоварзӣ ба нақша гирифта шудааст..

Дар ҷамъомад Шавкат Мирзиёев қайд кард, ки агар мо ин корро дар 2-3 соли оянда ба анҷом нарасонем, ҳар як соли ба таъхир андохташуда тараққиёти кишварамонро ба 10 сол қафо хоҳад кашид.

Вазъи ҷории кор оид ба рақамикунонии хизматрасониҳо таҳлил карда шуданд. Зикр гардид, ки аз беш аз 700 низоми иттилоотӣ дар мақомоти давлатӣ танҳо 30 фоизашон ба системаи ҳукумати электронӣ пайваст карда шудаанд. Аз 80 идорае, ки хидматҳои давлатӣ мерасонанд, танҳо 27-тои онҳо ба Агентии хизмати давлатӣ муттаҳид карда шудаанд.

Президент дастур дод, ки тартиби зиёд кардани пардохти мукофотпулӣ ба роҳбарони вазорату идораҳо ё ки коҳиш додани онҳо дар асоси татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ҷорӣ карда шавад.

Ба Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсия супориш дода шуд, ки пойгоҳи маълумотҳои идораҳои давлатиро тасниф карда, онҳоро ба платформаи ҳамгироии байниидоравӣ пайваста, барои ҳамкориҳои электронӣ талаботи ягонаи электронӣ ҷорӣ созанд.

Бо назардошти таъсири пандемия аҳамияти тезонидани гузариши хадамоти маъмултарини давлатӣ ба шакли электронӣ қайд гардид.

Бобати то охири соли ҷорӣ дар Тошканд ҷорӣ намудани картаҳои электронии тиббӣ, низоми беморхонаи электронӣ ва ёрии таъҷилии тиббӣ, феҳристи ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ барои пешбурди баҳисобгирии пардохтҳои иҷтимоӣ супоришот дода шуд.

Ба Кумитаи давлатии андоз супориш дода шуд, ки иншооти савдо ва хизматрасониро барои кор бо аппаратҳои кассаҳои онлайн гузаронда, тамғагузории маҳсулоти спиртӣ, тамоку ва ҳисобномаҳои электрониро ҷорӣ кунад.

Дар тӯли панҷ соли оянда, бо дарназардошти васеъ ба роҳ мондани технологияҳои иттилоотӣ дар корхонаҳои саноатӣ арзиши истеҳсолот 13-15 фоиз кам карда мешавад.

Ба Вазорати нақлиёт супурда шуд, ки системаи автоматиконидашудаи пардохти ҳамлу нақли борҳо тавассути роҳи оҳан ва барои хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятӣ дар Тошканд ҷорӣ карда, ба кор даровардани чиптаи ягонаи электрониро барои тамоми намудҳои нақлиёт тезонад.

Дар ҷамъомад масъалаҳои рушди инфрасохтор барои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ баррасӣ шуд. Мувофиқи ҳисоботи Бонки ҷаҳонӣ ба 10 фоиз васеъ кардани шабакаҳои фарохнавор ба интернет метавонад МУД-ро ҳадди ақалл 1 фоиз афзоиш диҳад.

Соли ҷорӣ вазифаи баланд бардоштани фарогирии алоқаи нахӣ-оптикӣ дар низоми таҳсилоти томактабӣ аз 41 то 100 фоиз, дар низоми таълими халқ - аз 40 то 70 фоиз, дар соҳаи тандурустӣ - аз 38 то 100 фоиз гузошта шудааст. Бо шарофати ин бисёре аз деҳаҳо ба интернет дастрасӣ пайдо мекунанд. Ба ин муносибат ба зиммаи Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсия вазифа гузошта шуд, ки иншооти иҷтимоиро бо дастрасии баландсуръати интернет таъмин карда, то охири сол фарогирии интернети баландсуръати мобилиро то 90 фоиз расонад.

Қайд карда шуд, ки коҳиш ёфтани қобилияти серверҳои мавҷуда, барои амалӣ намудани зиёда аз 300 лоиҳа дар соҳа зарурати 10 маротиба зиёдтар гардондани иқтидорҳои сервериро тақозо менамояд. Оиди зиёд кардани шумораи марказҳои коркарди маълумот, ҷалби қарзҳои хориҷӣ ва сохтани марказҳои маълумотдиҳӣ ба арзиши 30 миллион доллар супоришот дода шуданд.

Технологияи иттилоотӣ инчунин дар соҳаи кишоварзӣ, баҳисобгирии замин ва мониторинг муфид аст. Ҳамин тавр, тадқиқи фазоии хок метавонад барои омӯзиши майдонҳои кишт, раванди нашъунамо, ҳолати мелиоративии хок ва дараҷаи минерализатсия истифода шавад. Ин имкони дақиқ муайян намудани чорабиниҳои агротехникӣ, 25-30 фоиз зиёд гардондани ҳосилнокиро фароҳам меорад.

Ба шахсони масъул супурда шуд, ки низоми электронии ҳисобкунии замин ва обро таҳия намуда, равандҳоро пурра, аз ҷойгиршавии зироатҳо то татбиқи онҳо рақамӣ кунанд.

Дар бахши ватании IT 60 ҳазор нафар кор мекунанд. Дар ҷамъомад қайд шуд, ки ин нокифоя мебошад ва ба дастгирии мутахассисони соҳа таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда шуд. Ҳамчунин оид ба ҷалби резидентҳои технопаркҳои ватанӣ ба лоиҳаҳое, ки ташкилотҳои давлатӣ татбиқ мекунанд, вазифаҳо муайян карда шуданд.

Зарурати дар солиояндаи таҳсил фаро гирифтани 47 ҳазор хонанда бо лоиҳаи «1 миллион барномасоз» барои созмон додани асосҳои соҳа, дар мактабҳо ба роҳ мондани омӯзиши асосҳои барномасозӣ аз синфи 7-ум нишон дода шуд.

Дар ҷамъомад шахсони масъул оид ба рафти иҷрои чорабиниҳо дар соҳа маълумот доданд.

**ӮзА.**

## ХАБАРИ МУХТАСАР

### ДАР БОРАИ МАҶЛИСИ УМУМИИ ЧОРУМИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИСИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

**11 майи соли 2020 дар шаҳри Тошканд ҷамъомади умумии чоруми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид.**

Дар кори ҷамъомад аъзои ҳукумат, роҳбарони вазорат ва идораҳо, намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ иштирок доштанд.

Ҷамъомади умумиро, ки дар тартиби алоқаи видеоконфронс баргузор шуд, Раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева бурд.

Дар ҷамъомади умумӣ аз ҷониби аъзои Сенат 20 масъала, аз он ҷумла 10 қонун муҳокима гардид.

Кори ҷамъомади умумиро дар низоми зинда дар веб-сайт ва саҳифаҳои расмии Сенати Олий Маҷлис дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамчунин аз тариқи шабакаи телевизионии «UzReport» мушоҳида кардан мумкин буд.

(Давомаш дар саҳ.3).

## ЧУНҒАРА: СОКИНОНИ ОН АЗ САХОВАТУ МУРУВВАТ БАҲРАМАНД МЕГАРДАНД

***Дар оғози моҳи шарифи Рамазон як гурӯҳ аъзои Ҷунбиши умумимардумии "Саховат ва кӯмак" таҳти раёсати ҳокими вилоят Шуҳрат Ғаниев барои дидору мулоқот ва расонидани кӯмак ба аҳолӣ ба деҳаи Чунғараи ноҳияи Риштон омаданд. Он аз чаҳор тараф бо вилояти Ботканди Қирғизистон ҳамҳудуд аст.***

Онҳоро дар марз ҳокими вилояти Ботканд Алишер Абдураҳмонов истиқбол гирифт ва мулоқоти самимӣ ба вуқӯъ пайваст. Президентҳои Ӯзбекистону Қирғизистон талош ба харҷ медиҳанд, ки риштаҳои дӯстии ду халқ беш аз пеш мустаҳкам гардад, ҳамкориҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии миёни ду кишвар ривоҷу равнақ ёбанд.

– Мо аз ҳокимияти вилояти Фарғона хеле сипосгузорем. Чанде муқаддам ба вилояти мо барои пешгирии коронавирус кӯмаки беғараз интиқол ёфт. Мардуми мо беҳуда намегӯянд: «Дӯстро вақти ба сарат омадани мушкилот мешиносӣ», – изҳор кардааст Алишер Абдураҳмонов.

Чун анъана дар моҳи муборакӣ Рамазон расонидани кӯмак ба мардуми ниёзманд аз корҳои неку басо савоб ба шумор меравад. Ҳадаф аз ин сафар низ расонидани кӯмакҳои башардӯстона ба аҳолии ин минтақаи эксклав будааст. Мошинҳои пурбор дар кӯчаҳои Чунғара ба мардум орду равған ва маводи дигари истеъмолӣ тақсим намудаанд.

– Мо аз ғамхориҳои Президенти мамлакат хеле сарфарозем. Ин гуна эътибор ба минтақаи мо воқеан боиси сарфарозиҳост, – мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Чунғара Муродҷон Сотволдиев.

Дар Чунғара 300 хонавода зиндагӣ мекунад. Ҳоло аъзои хонаводаҳои зиёд аз саховату мурувват баҳраманд гардиданд. Ҳамон рӯз Шуҳрат Ғаниев бо мардуми Чунғара мулоқоти рӯ ба рӯ низ анҷом дода, бо аҳволи онҳо, дарду доғ ва мушкилоташон шинос шуд.

Ба муштариёни рӯзнома ҳамин нуктаро хотиррасон карданиам, ки солҳои пеш аз табиати хушу гуворои Чунғара мардуми зиёд баҳра мебурданд. Онҳо аз вилоятҳои Фарғона, Наманган ва Андиҷони Ӯзбекистон, вилоятҳои Боткент, Ҷалолобод ва Ӯши Қирғизистон, ҳатто вилояти Суғди Тоҷикистон ба ин ҷо меомаданд. Дар миёни онҳо як идда ин ҷо хайру эҳсон мекарданд.

Ин минтақа тобистони ҳар сол манзараи аҷиброро касб менамуд. Бӯйи ғизоҳои бомазаву гуворо ба димоғ мезаду дар як они воҳид иштиҳоро карнай менамуд. Одамон рӯйи катҳои қатор бароҳат нишаставу шодиву хурсандӣ мекарданд.

Як тараф овозхонҳо дар хидмати мардум буданд. Суруду тарона бо мусиқӣ даромехта, ба ҳаво дакка мезад. Занону духтарон гурӯҳ-гурӯҳ машғули рақсу бозӣ мешуданд. Кӯдакон ба чаҳор тараф давутоз намуда, аз хурсандӣ меболиданд. Дар як гӯша дорбозону масхарабозон ва сангбардорон барои мардуми гирдомада ҳунарнамоӣ мекарданд. Баъзан аз серодамӣ дар ин ҷо кас на ҷойи мошинмонӣ пайдо мекард ва на дар катҳои қатор ҷойи нишаст буд. Онҳое, ки бо аъзои хонаводаву дӯстон барои зиёрату хурсандӣ меомаданд, ҳарчи доштанд, болои замин дасторхон паҳн карда ва анвои хӯрдании худро рӯйи он мегузоштанд.

– Мо ҳар сол бо ҳамсинфон дар ин ҷойи хушбоду ҳаво гирди ҳам меомадем ва чанд лаҳза вақти худро бо хуррамӣ сипарӣ мекардем, – ба ёд меорад омӯзгори бознишаста аз деҳаи Хуррамободи ноҳияи Риштон Сайфиддин Иноятов.

Аммо дар ҳамин ҳол ин манзараҳои дилфиреб дар зеҳни мардуми зиёд фақат чун хобу хаёл боқӣ мондааст.

Ҳоло ҳамон Чунғараи зебову биҳиштосо ва пур аз мардум ба як харобазор бадал шудааст.

— Ба ин ҷо равуо карданӣ мардуми минтақаҳои дигар кайҳо қатъ шудааст. Баъзан танҳо намояндагони идораҳои гуногуни давлатӣ ба манзури воҳӯриву мулоқотҳо бо мардум ба он ҷо меоянд, – мегӯяд қаламкаши сӯхӣ Раҳимбердӣ Тошматов.

(Давомаш дар саҳ.2).

## МУҲОКИМАИ ЛОИҲАИ НАВИ ҚОНУН "ДАР БОРАИ ТАЪЛИМ"



***Рушду тағйиротҳои фарҳангӣ, санъату маданият, таълиму тарбия водор менамояд, ки қонунҳои марбути соҳаи мазкур бо назардошти бурду бохт аз нав таҳия шаванд. Эҷодкорони қонун бо ҳамкории депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис мақсад гузошта буданд, ки Қонун "Дар бораи таълим"-и соли 1997-умро бо илова ва пурра намудани ваколату манфиатҳои ҳуқуқӣ аз нав қабул намоянд. Заҳмати пурсамар натиҷаи дилхоҳ бахшид, ки қонуни нав мувофиқи талаб ва қоидаҳои қонунгузорӣ омода гардид. Қироати аввали лоиҳаи қонун моҳи январ, қироати дуюми лоиҳа бо ворид намудани дархосту тавсияҳои мардум дар ҳафтаи якуми моҳи май дар ҷаласаи видеоконфронси депутатҳои Палатаи қонунгузорӣ муҳокима гардид.***

Пеш аз тасдиқ намудани ҳар як бобу модда дар байни депутатҳо баҳсу мунозираҳои судманд, саволу ҷавобҳои мушаххас ба амал омаданд.

Дар рафти ошноӣ бо бобу моддаҳои қонуни навқабул навгониҳои меъёрию ҳуқуқиро мушоҳида мекунед.

Таълим ва тарбияи томактабӣ, таълими миёнаи умумӣ ва миёнаи махсус, таълими касбу ҳунар, таълими олӣ, таълими пас аз олӣ, такмили ихтисос ва аз нав тайёр намудани кадрҳо, таълими берун аз мактаб марҳилаҳои таълимро фаро мегиранд. Ба ҳамагон маълум аст, ки аз соли 2017 таълими 9+2 ҷойи таълими 9+3-ро ишғол намуд. Мувофиқи талабҳои қонуни нав минбаъд таълими 9+2 инкишоф меёбад. Таълими миёнаи умумии нӯҳсола маҷбурӣ, таълими пас аз он ихтиёрӣ-маҷбурӣ аст. Дар мактабҳои давлатӣ, касбу ҳунар таҳсил гирифтани донишомӯзони хатмкунандаи синфи нӯҳ ихтиёрӣ-маҷбурист. Таҳсили умумии маҷбурӣ дар сарсатри ҳафтуми моддаи нӯҳ 11 сол қайд гардидааст. Мактабҳои миёна, мактабҳои касбу ҳунар, мактабҳои Президент, литсейҳои академӣ мувофиқи моддаҳои дахлдори қонун минбаъд фаъолияташонро идома медиҳанд.

Зинаҳои таълими миёнаи умумӣ (синфҳои I–XI) ба ин минвол муайян гардидааст: таълими ибтидоӣ (синфҳои I–IV), таълими миёнаи такягоҳӣ (V–IX), таълими миёна (синфҳои X–XI) ва таълими миёнаи махсус (литсейи академӣ ва ғайра). Дар сарсатри дуюми моддаи 9 омадааст, ки барои соҳибмаърифат ва соҳибдиплом шудан шаклҳои таълим мавкеи муайянро доранд. Ин аст, ки дар моддаи 15 шаклҳои таълим, чун таълими рӯзона, ғоибона, шабона, фосилавӣ (масофавӣ), оила, мустақил, андрагогӣ, инклюзив, экстернат ёдрас гардидааст. Шаклҳои таълими мазкур дар алоҳидагӣ ва дар якҷоягӣ мақсад ва вазифаҳои муайянро дорад, ки онҳо аз ин ҷиҳат аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар моддаҳои марбути қонун муддати таҳсили рӯзонаи мактабҳои олӣ на камтар аз се сол, таълими магистратура на камтар аз як сол муайян гардидааст.

Табиист, ки ҳар шахс пеш аз ҳама барои фаҳмидани мафҳумҳои таълими фосилавӣ, андрагогӣ, инклюзив, экстернат кӯшиш менамояд. Ин ҷо дар хусуси ин гуна таълимот таваққуф менамоем.

Таълими фосилавӣ навъи таълимест, ки он тибқи талабҳои андозаи давлатӣ, низом, консепсия, нақша ва фанҳои таълимии тахассусӣ бо пешкаш намудани машғулият, савол ва супоришҳои модулӣ амалӣ мегардад. Бо таъбири дигар бигӯем, технологияи таҳсилоти фосилавӣ – технологияҳои таълиме мебошанд, ки асосан тавассути шабакаҳои иттилоотию иртиботӣ, ҳамкории бевоситаи донишҷӯёну омӯзгорон ва ҳайати таълимию ёрирасон роҳандозӣ мешавад. Омӯзгорони соҳибтаҷрибаи кишвар бо риояи талаботи карантини коронавирус барои шогирдон ба воситаи технологияи замонавии компютерӣ таълими фосилавиро ба роҳ монда, баҳри вусъат ва барзиёд намудани дониш, малака ва маҳорати донишандӯз тамоми имкониятро ба харҷ додаанд.

Аудио ва видеодарсҳо, аёният ва маводи визуалии техникии омоданамудаи омӯзгорон таваҷҷӯҳи донишандӯзро нисбат ба омӯзиши фан боз ҳам ҷолибтар намуд. Онҳо дар хона нишаста аз имкониятҳои технологии компютерӣ истифода бурда, ба воситаи таълими фосилавӣ омӯзиши маводи фанҳои азхудкунандаро ба роҳ мондаанд. Дар айни замон таълими фосилавӣ идома дорад, ки бо ёрии он соли хониши 2019-2020 анҷом меёбад.

Бартарӣ ва афзалияти таълими фосилавӣ аз дигар навъи таълим дар он аст, ки он дар лаҳзаҳое бо васила техникаи комил донишандӯзро шавқманд мегардонад. Таълими фосилавӣ бар дӯши омӯзгор вазифае вомегузорад, ки ӯ дар ин ҷода салоҳияти касбиашро вусъат диҳад ва аз комёбиҳои ахбору коммуникатсионӣ, технологияи компютерӣ бархурдор бошад.

Дар луғати истилоҳотии педагогӣ шарҳи "андрагогика", "андрагог" омадааст, ки яке аз онҳо ин аст: "Андрагогика – соҳаи илм, фанни таълимӣ, ки хусусият, шакл ва усулҳои таҳсилоти калонсолонро муайян мекунад». Маънои "андрос" – шахси калонсол, мард мебошад, "агогейн" – идора кардан аст. Мафҳум ва моҳияти андрагогика ҳамчун соҳаи илми педагогӣ мушкилоти таҳсилот, таълим ва тарбияи шахси калонсолро дар бар мегиранд. Андрагогика қисми назарии омӯзиш буда, хусусиятҳои хоси қонуниятҳои азхудкунии дониш ва маҳорати калонсолонро дар рафти донишомӯзӣ ва ҳамчунин махсусиятҳои роҳбарии ин фаъолиятро аз тарафи педагоги касбӣ ба риштаи таҳлил мегирад. Дар даҳсолаи охир таваҷҷӯҳ ба андрагогика, дар робита ба зиёдшавии талабот ба имконияти бисёркарата ва ҳам муттасил баланд бардоштани ихтисос, азнавтаълимгирӣ ва ё ҳатто дигар кардани касб барои коргарон ва ҳамчунин ба миён омадани имконият ва талабот ба омӯзиш ва бозомӯзии калонсолон афзудааст.

Бозомӯзии калонсолонро болоравии ниёзи маънавӣ, дарки талабот ба омӯзиши алоқадори ҳол, ба навгониҳо чун таркиби тарзи ҳаёти солим низ тақозо дорад. Аз ин рӯ, барои таҳсилоти на танҳо коргарони калонсол, балки барои нафақахӯрон низ курсҳо ва ҳатто факултаҳо кушода мешаванд. Барои таълиму тарбияи хурдтаракону калонсолони комилҳуқуқ қонуни нав тамоми шароитро фароҳам овардааст.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ҶАЪМОМАДИ ШӮРОИ ВАЗИРОНИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ДАВЛАТҲОИ ИШТИРОКДОРИ ИДМ

***Бо ташаббуси Ҷумҳурии Ӯзбекистон 12 май бори аввал дар шакли видеоконфронс ҷамъомади Шӯрои вазирони корҳои хориҷии давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор гардид. Ба чорабинӣ вазири корҳои хориҷии мамлакатамон Абдулазиз Комилов раисӣ кард.***

Дар кори ҷамъомад вазирони корҳои хориҷии Ҷумҳурии Озарбойҷон Элмар Мамедяров, Ҷумҳурии Арманистон — Зограб Мнацаканян, Ҷумҳурии Беларус —Владимир Макей, Ҷумҳурии Қазоқистон — Мухтор Тлеуберди, Ҷумҳурии Қирғизистон — Чингиз Айдарбеков, Ҷумҳурии Молдавия — Олег Цуля, Федератсияи Русия — Сергей Лавров, Ҷумҳурии Тоҷикистон — Сироҷиддин Муҳриддин, Туркманистон — Рашид Мередов, инчунин Раиси Кумитаи иҷроия - Котиби иҷроияи ИДМ Сергей Лебедев иштирок карданд.

Ӯзбекистон Иттиҳодро чун майдони муҳим барои амиқсозии ҳамкории амалии бисёрҷанба, хусусан дар рушди алоқаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, истифодаи босамари потенсиали нақлиётиву транзит, мустаҳкамсозии бехатарӣ ва ҳамчунин майдони табодули маданиву инсонпарварӣ низ медонад.

Бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев Ӯзбекистон бори аввал дар таърихи худ ба худ вазифаи раёсати ИДМро соли 2020 қабул намуд ва самти асосии онро дар муттасил вусъат додан ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкории бисёрҷанба муайян намуд.

Бо ин мақсадҳо Консепсияи раёсат ва Нақшаи татбиқи он қабул гаштааст. Тақрибан 70 чорабинии мухталиф, ки 40-тои онро барои дар Ӯзбекистон баргузор намудан ба нақша гирифта шудааст, пешбинӣ мегардад.

Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдулазиз Комилов иштирокдорони ҷамъомадро табрик намуда, изҳори бовар намуд, ки имрӯзҳои мураккаб дар иртибот бо пандемияи коронавирус ба зудӣ пушти сар мемонад ва имконоти рӯ ба рӯ воҳӯрдан ба вуҷуд меояд. Ғайр аз ин ӯ бори дигар иштирокдорони ҷамъомадро бо 75-солагии Ғалаба дар Ҷанги дуюми ҷаҳон табрик намуд. Иштирокдоронро хабардор кард, ки Ӯзбекистон ба ин рӯйдоди муҳим эътибори алоҳида медиҳад, аз он ҷумла бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев дар шаҳри Тошканд Боғи Ғалаба сохта шуд, ки аз лиҳози вусъат беқиёс буда, аз лиҳози муҳтавои ғоявиву ватанпарварӣ ва маънавӣ нодир мебошад. Ин хабар дар байни иштирокдорони ҷамъомад боиси таваҷҷӯҳи зиёд гардид.

Роҳбарони идораҳои сиёсати хориҷии Иттиҳод масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва ҳамкориҳо дар доираи ИДМ, ҳолат ва пешомади баланд бардоштани нақш ва мавқеи созмон дар корҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин як қатор масъалаҳои ташкилиро муҳокима карданд.

Ҷонибҳо муҳимияти дар шароити маҳдудиятҳои карантинӣ нигоҳ доштани тамоми механизмҳои мавҷуда ва муқарраршудаи ҳамкорӣ дар соҳаи савдо, иқтисод, нақлиёт ва коммуникатсия, инчунин фаъолияти пурраи минтақаи тиҷорати озоди ИДМ-ро қайд карданд.

Роҳбарони ҳайатҳо зарурати муттаҳид гардондани саъю кӯшиши давлатҳои иштирокдори Иттиҳодро дар пешгирии оқибатҳои пандемияи коронавирус таъкид карданд.

Таваҷҷӯҳи хос ба масъалаҳои таҳкими муколама байни идораҳои сиёсати хориҷӣ дар соҳаи таъмини амният ва субот дар қаламрави кишварҳои ИДМ, инчунин рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои сармоягузорӣ, нақлиёт, инноватсия, фарҳанг, варзиш ва сиёсати ҷавонон зоҳир карда шуд.

Зарурати густариши ҳамкорӣ дар заминаи ҳамсоягии нек, эҳтироми мутақобила ва ба ҳисоб гирифтани манфиатҳо бо мақсади баланд бардоштани некӯаҳволӣ ва сифати зиндагии мардумони кишварҳои аъзои ИДМ таъкид гардид.

Пешниҳоди ҷониби Ӯзбекистон дар бораи баргузор кардани ҷамъомади навбатии Шӯрои вазирони корҳои хориҷии ИДМ моҳи октябри соли равон дар Тошканд дастгирӣ шуд.

Бинобар ҷамъбасти ҷамъомад 11 ҳуҷҷат дар дар соҳаҳои мухталифи ҳамкорӣ ба имзо расида, оид ба тамоми масъалаҳои рӯзнома мувофиқа ҳосил шуд. Аз он ҷумла, ҳуҷҷатҳое баррасӣ ва тасдиқ гардиданд, ки ба рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои нақлиёт, таълим, сайёҳӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нигаронда шудааст. Ин ҳуҷҷатҳо дар ҷамъомадҳоиояндаи сарони давлатҳо ва роҳбарони ҳукуматҳои ИДМ пешниҳод мешаванд.

Ҷамъомади Шӯрои вазирони корҳои хориҷии Иттиҳод, ки имрӯз бо ташаббуси Ӯзбекистон бори нахуст дар доираи фаъолияти ИДМ дар андозаи видеоконфронс бо назардошти вазъияти мураккаби эпидемиологӣ дар мамлакатҳои Иттиҳод ва дар тамоми ҷаҳон ташкил гардид, дар муҳити гарми дӯстона барпо шуд.

Хулоса, натиҷаи ҷамъомади имрӯзаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии ИДМ ба рушди мураттаби ҳамкорӣ дар доираи Иттиҳод ва ҳамчунин дар ҳаҷми пурра иҷро гардидани вазифаҳои гузоштаи раёсати Ӯзбекистон мусоидат хоҳад кард.

**Ғайрат ХОННАЗАРОВ,**
**хабарнигори ӮзА.**

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ДАСТГИРИИ МИНБАЪДАИ ФАЪОЛИЯТИ СОДИРОТӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Шароити афзояндаи рақобат дар бозорҳои ҷаҳон густариши минбаъдаи дастгирии давлатии содиротгаронро барои гузариш ба бозорҳои нав ва мустаҳкам намудани мавқеи худ дар бозорҳои анъанавӣ тавассути афзоиши ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ тақозо мекунад.

Бо мақсади такмили минбаъдаи системаи дастгирии фаъолияти содиротӣ, инчунин таъмини иҷрои вазифаҳои Барномаи давлатии татбиқи Стратегияи амалиёт оид ба панҷ самти афзалиятноки рушди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 2017-2021 дар «Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ»:

1. Механизми пешниҳоди субсидия барои ҷуброни то 50 фоизи хароҷоти ҳамлу нақл ҳангоми содироти маҳсулоте, ки мувофиқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 24 майи соли 2019 №ҚП-4337 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани механизмҳои маблағгузорӣ ва ҳифзи суғуртаи фаъолияти содиротӣ», инчунин ҳамлу нақли маҳсулот барои содирот тавассути **нақлиёти роҳи автомобилӣ ва ҳавоӣ** ворид карда шудаанд, вусъат дода шавад.

Номгӯи молҳое, ки ҳангоми содироти онҳо як қисми хароҷоти ҳамлу нақли он тавассути нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавоӣ ҷуброн карда мешавад, мувофиқи замимаи №1 тасдиқ карда шавад.

2. Ба Комиссияи доимии ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои рушди иқтидори содиротии минтақаҳо ва соҳаҳои ҷумҳурӣ (С.У. Умурзаков) (минбаъд — Комиссияи ҷумҳуриявии содиротӣ) барои ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Номгӯи маҳсулоте, ки барои содироти онҳо аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷиҳати ҷуброни қисми хароҷоти нақлиёт субсидия пешниҳод карда мешавад, муайян намудани шароит ва андозаи он, инчунин тасдиқ намудани тартиби пешниҳоди қарз, муқаррар намудани андозаи қайди субсидия вобаста ба намуд, ҳаҷм ва самти содироти маҳсулот ваколат дода шавад.

Комиссияи ҷумҳуриявии содиротӣ дар давоми як ҳафта тартиби пешниҳоди субсидияро ба корхонаҳои содиротии ватанӣ (намояндагони ваколатдори онҳо) барои ҷуброни қисми хароҷоти ҳамлу нақли **нақлиёти автомобилӣ, ҳавоӣ ва роҳи оҳан** ҳангоми содироти маҳсулот, аз ҷумла оид ба таҳвили содиротӣ, ки аз 1 апрели соли 2020 амалӣ шудааст, тасдиқ намояд.

3. **То 1 январи соли 2021 таҷрибаи тафтиши мавҷудияти қарзҳо** оид ба ҳамаи намудҳои пардохтҳои ҳатмӣ ва ҳуҷҷатҳои иҷроия, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми барасмиятдарории гумрукии моли аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Ӯзбекистон **барои амалиёти содиротӣ** интиқолшаванда пешниҳод карда мешаванд, бекор карда шавад.

4. Муқаррар карда шавад, ки аз ҷониби **Агентии пеш бурдани содироти** назди Вазорати сармоя ва тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои подоши мукофоти суғурта ҳангоми аз ҷониби содиркунандагон истифода шудан ба сифати кафолати хидмати суғурта **ҷуброн дода мешавад**.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳисобу китоби асоснок маблағи барои хароҷоти Агентии пеш бурдани содирот зарурро аз Буҷети давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои соли 2020 ҷудо кунад, аз соли 2021 — ҳамасола маблағҳои зарурии буҷетиро ба назар гирад.

6. Ба баъзе ҳуҷҷатҳои Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон мувофиқи замимаи № 2 тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд.

7. Вазорати сармоя ва тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор дар муддати як моҳ ба Девони Вазирон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузорӣ, ки аз қарори мазкур бармеоянд, пешниҳод тақдим намояд.

8. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*7 майи соли 2020.*

***Ҳокимияти вилояти Фарғона вазъи муроҷиати шаҳрвандон ва роҳҳои ҳалли қонунии он дар давоми семоҳаи аввалро мавриди баррасӣ қарор дод. Дар чоряки якуми соли равон ба унвони ҳокимияти вилоят муроҷиатҳо 5 ҳазору 104-ро ташкил мекунад.***

# Муроҷиати шаҳрвандон – дар мадди эътибор

Ин муроҷиатҳо аз ду роҳ сурат гирифтааст: аз тариқи Қабулхонаи виртуалии Раисҷумҳур ва Қабулхонаҳои халқии шаҳру ноҳияҳо, ҳамчунин мустақим ба унвони ҳокимияти вилоят.

Мазмун ва моҳияти аксари муроҷиатҳои одамон аз таъмин ба хонаву ҷой, сохтмон ва таъмири он, ҷудо кардани замин барои фаъолиятҳои соҳибкорӣ, расонидани кумакҳои молӣ, ҷудо кардани қарзҳои бонкӣ, мушкилоти соҳаҳои хизмати маишӣ ва муносибатҳои оилавӣ иборатанд.

Ҳокимияти вилоят муроҷиати шаҳрвандонро аз рӯи минтақаҳо ва шаҳру ноҳияҳо низ тасниф намудааст.

Дар ин миён зимни роҳандозии мулоқотҳои бевоситаи мақомоти раҳбарии вилоят бо муроҷиаткунандагони шаҳру ноҳияҳои вилоят 263 мулоқоти сайёр ба вуқӯъ пайвастааст. Гузашта аз ин, муроҷиати 457 сокини шаҳру ноҳияҳои вилоят, ки ҳангоми қабули шахсӣ ва сайёр ба қайд гирифта шудаанд, аз тарафи мутахассисон баррасӣ ва чораҷӯӣ шуданд.

Миқдори муроҷиатҳои мардум нисбат ба ҳамин давраи як соли пеш 1 ҳазору 871-то коҳиш дидааст ва 53 дарсади ин муроҷиатҳо мусбат ҳал карда шудаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*



# ПАРРАНДАПАРВАРӢ РИВОҶ МЕЁБАД

***Алҳол дар вилояти Фарғона 85 хоҷагии паррандапарварӣ амал мекунанд. Соли равон дар ин соҳа татбиқ намудани 33 лоиҳа пешбинӣ шудааст.***

Паррандапарварӣ соҳаи сердаромад мебошад. Ҳар як оилае, ки мурғ парвариш мекунад, фоидаи онро хуб медонад. Дар миқёси мамлакат низ ба рушди соҳаи мазкур, дар он ҷорӣ намудани технологияҳои замонавии инноватсионӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротӣ эътибори зиёд дода мешавад. Дар шароити пандемия ривоҷ додани паррандапарварӣ бобати таъмин сохтани амнияти хӯроквории ва бо шуғл таъмин намудани аҳолии бекор нақши муҳим мебозад.

Бинобар маълумотҳо алҳол дар вилоят зиёда аз 2 миллиону 400 ҳазор сар мурғ парвариш карда мешавад. Беш аз панҷ ҳазор оилаҳои эҳтиёҷманди деҳотӣ ба парвариши мурғ машғул мебошанд.

Соли гузашта вилоят 8 миллион адад тухм содир намуд, соли равон нишондиҳандаи мазкур 40 миллион ададро ташкил хоҳад дод. Барои ин чораҳои дахлдор андешида шуданд.

Хоҷагии фермерии «Водий наслли парранда»-и ноҳияи Бешариқ кластери мурғпарварӣ ба шумор меравад, вай таҷрибаи зиёди кор андӯхтааст. Дар хоҷагӣ 220 ҳазор сар мурғҳои зотие, ки аз Олмон оварда шудаанд, парвариш меёбанд. Ҷараёни кор дар ин ҷо куллан дар пояи маҳакҳои замонавӣ ташкил карда шудааст. Солҳои гузашта технологияҳои замонавӣ оварда шуданд, барои баровардани 300 ҳазор ҷӯҷа маҷмӯи инкубаторӣ бунёд карда шуд, ки дар он метавон барилова 40 ҳазор сар ҷӯҷа нигоҳдорӣ кард.

Ба мақсади фароҳам овардани пойгоҳи зарурии хӯроквории соҳа аз ҷониби ҳокимияти вилоят 500 гектар замин ҷудо карда шуд. Ин барои кам кардани воридот ва афзудани содирот хеле муҳим мебошад. Пештар озуқа харид мешуд, ҳоло бошад ҳоҷагии фермерӣ хӯрокввориро мустақилона тайёр мекунад. Хӯроки босифат омили муҳими парвариши паррандаҳои солиму сермаҳсул мебошад. Ҳоли ҳозир 350 гектар замин аз худ карда шуд. Ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии замин, баланд бардоштани ҳосилнокии он эътибор дода мешавад. Алҳол дар хоҷагии фермерӣ кор дар авҷ мебошад.

– Дар шароити пандемия давлат соҳибкоронро дастгирӣ мекунад ва ба корхонаҳои кластерӣ кӯмак мерасонад, – мегӯяд роҳбари хоҷагии фермерии «Водий наслли парранда» Боҳирҷон Турдалиев. – Имрӯзҳо мо бояд халқро дастгирӣ кунем. Аз ин рӯ 100 оилаи эҳтиёҷмандро ба васояти худ гирифтем, ба онҳо кӯмакҳои зарурӣ мерасонем. 30 нафарро бо кор таъмин кардем. Ба маркази ҳамоҳангсозии фаъолияти васоятгарӣ 40 ҳазор адад тухмро ройгон расонда додем.

Рушди соҳаи паррандапарварӣ дар вилоят боиси таъмин кардани аҳолӣ бо тухм ва гӯшти парҳезӣ мегардад.

**М. СУЛАЙМОНОВ,**
**хабарнигори ӮзА.**
**Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ӮзА).**

# ЗАМИНҲОИ НАЗДИҲАВЛӢ — ОМИЛИ ФАРОВОНИИ РӮЗГОР

***Таҳдиди бешафқатонаи коронавирус ҳар яки моро водор месозад, ки баробари риояи қатъии талабҳои карантин бо мақсади устуворона паси сар кардани душвориҳои пешоянда, пеш аз ҳама дилпурона қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти хӯроквориӣ бояд аз ҳар як ваҷаб замини наздиҳавлигии худ самаранок истифода барем.***

Аз гуфтаҳои сарвари вилоят К. Камолов аён гардид, ки дар вилоят қитъаҳои наздиҳавлии аҳолӣ 39,5 ҳазор гектарро ташкил мекунад. Ин миқдор кам нест ва ҳар як ваҷаби он бояд аз эътибор берун намонад. Ноҳияи Шофиркон беш аз 175 ҳазор нафар аҳолӣ дорад. 4215 гектар киштзорҳои ноҳияро қитъаҳои наздиҳавлигии аҳолӣ ташкил мекунад. Моҳҳои август-сентябри соли гузашта шӯрои хоҷагиҳои фермерию деҳқонӣ ва соҳибони қитъаҳои наздиҳавлигии ноҳия ба шаҳрвандони бекормондае, ки гармхона доранд, 4640-то ниҳоли қаланфури булғор, 9600 бех қаланфури тунд, барои дар ҷойҳои холӣ шинондан ниҳолҳои қулфинайи навъи «Кобра»-ро мувофиқи маблағи Маркази ноҳиявии кӯмакрасони шуғли аҳолӣ бепул дода буд. Дар натиҷа, онҳо соҳиби собиқаи кории яксола шуда аз қаланфури булғор 70 миллион сӯм, аз қаланфури тунд 23 миллион сӯм даромад гирифтанд. Соли ҷорӣ дар 3739,4 га. майдон кишти баҳорӣ сурат гирифта, аз ҷумла, дар 1751,6 га. сабзавот, дар 473,7 га. картошка, дар 105,9 га. маҳсулоти полиз, дар 224,4 гектар зироати лубиёӣ ва дар 1179,3 гектар майдон намудҳои дигари маҳсулот рӯёнда мешавад. Дар ноҳия бо мақсади истифодабарии самаранок аз киштзорҳои мавҷуда, пурра қонеъ гардондани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба маҳсулоти хӯроквориӣ ва зиёд намудани ҳаҷми содирот чораю тадбирҳои зарурӣ дида мешавад. Аз ҷумла, пешбинӣ шудааст, ки соли ҷорӣ дар қитъаҳои наздиҳавлигии аҳолӣ ва ҳангоми кишти такрорӣ дар онҳо зироатҳои зарурии серталаби аҳолӣ нисбатан бештар корида шавад. Аз ҷумла, имсол дар 2323 га. майдон гузаронидани кишти такрорӣ (соли гузашта 1219 га. буд) ва дар 622 га. замин рӯёндани пиёз, сир, сабзӣ, кабудӣ барин зироатҳо ба нақша гирифта шудааст. Ба ғайр аз ин, бо мақсади бо кор таъмин кардани ҷавонон ва зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти хӯроквориӣ кооперативҳои истеҳсолӣ созмон меёбанд. Дар айни замон дар ҳудуди Ҷӯинав барои 10 нафар ҷавонон, дар мавзеи Дӯрмон барои 10 нафар шаҳрвандон якгектарӣ, ҷамъ ду гектар майдон бо мақсади сабзавоткорӣ ва дар мавзеи Тезгузар бо мақсади сохтмони гармхонаи замонавӣ се гектар майдон ҷудо карда шуд. Дар ин ҷо кооперативи истеҳсолии «Шофиркон томорқа экспорт» ташкил ёфта, ҳар яки 60 нафар ҷавонони бекормонда соҳиби 2,4 сотихӣ гармхона мегарданд. Дар натиҷа, барои бо зироати хушсифати тару тоза таъмин кардани аҳолии ноҳия ва содироти он ба хориҷа имконият фароҳам меояд. Моҳҳои октябр ва ноябри соли 2020 дар 20 гектар қитъаҳои аз ғаллаю пахта холигашта 10 гектар боғи интенсив ва 10 гектар токзор бунёд гардида, бештар аз 100 нафар шаҳрвандони бекор соҳиби кор мешаванд. Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Талисафед томорқа хизмат» бобати ба аҳолӣ сохта додани гармхона, бунёди чоҳҳои обёрӣ, расонда додани ниҳолу тухмӣ ва нуриҳои минералӣ кӯмак мерасонад. Аз ҷумла, дар чоряки аввали соли ҷорӣ бо шарофати ин ҷамоа 10 хонадон соҳиби гармхона, 21 хонадони гармхонадор соҳиби 16200 бех ниҳоли помидор ва се чоҳ (насос)-и обёрикунӣ гардиданд. Ҳоло дар гармхонаи 0,5 гектараи ҶММ «Талисафед томорқа хизмат» тарбузҳо нашъунамо ёфта, онҳо мобайнҳои моҳи май пухта мерасанд. Мувофиқи ҳисобу китоби пешакӣ 50-70 тонна ҳосил фароҳам омада, 250 миллион сӯм даромад дастраси соҳибкорони талисафедӣ мегардад. Дар қитъаҳои наздиҳавлигии аҳолӣ ҷараёни киштукори баҳорӣ асосан поён ёфтааст. Агар обу ҳаво «номардӣ» накунад, истифодабарии оқилона ва самараноки онҳо, бешубҳа, боиси фаровонии рӯзгор ва арзонии бозорҳоямон мегардад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири»Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# ЧУНҒАРА: СОКИНОНИ ОН АЗ САХОВАТУ МУРУВВАТ БАҲРАМАНД МЕГАРДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ногуфта намонад, ки солҳои пеш аксари мардуми деҳаи Чунғара аз ҳисоби меҳмондорӣ маишати хонаводагиашонро хеле хуб таъмин мекарданд. Зеро баъзе хонаводаҳо чанд утоқи худро барои яку ду шаб ё бештар дар ихтиёри мизоҷоне мегузоштанд, ки бо оилаашон барои истироҳату фароғат ба ин ҷо меомаданд. Ҳамчунин мардуми Чунғара ба ташрифовардагон ширу ҷурғот, сабзавоту мева ва кабудӣ мефурӯхтанд.

Хоссатан, дар даҳсолаҳои пеш ва имрӯз пухтани оши палав бо биринҷи машҳури девзираи Чунғараро ҳар як кас орзу мекунад. Алҳол ин биринҷ дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳатто берун аз он маъруфу машҳур мебошад. Ривоят мекунанд, ки амирони аҳди Сомонӣ пухтани оши палав бо чунин девзираро танҳо рӯзҳои ид воҷиб медонистанд.

Пошхӯрии шӯравии собиқ мардуми деҳаи Чунғараро ба эксклав табдил дод. Вақте ки роҳи Сӯх – Риштон баста шуд, чанд муддат убуру мурури посгоҳи марзии Риштони вилояти Фарғона ва Қайтмаси вилояти Боткент барои чунғарагиҳо низ ғайриимкон гашт.

Онҳо қаблан бо тай кардани 20-25 километр худро ба шаҳри Риштон мерасониданд. Аммо баъди баста шудани роҳи Риштон–Сӯх чунғарагиҳо барои равуо ба маркази вилоят мебоист ду бор марзи Қирғизистонро убур мекарданд. Онҳо ба марзи ин кишвар гузашта, вориди ноҳияи Сӯх мешуданд ва дубора бо убури марзи Қирғизистон худро ба марзи Ӯзбекистон мерасониданд.

Масофаи умумии роҳи байни Чунғара то марзи Ӯзбекистон бештар аз 170 километрро ташкил мекунад. Онҳое, ки ба идораҳои ноҳияи Риштон коре доштанд, иловатан 80 километр масофаро тай менамуданд. Баъд тибқи муоҳидаи комиссияҳои байниҳукуматии Ӯзбекистону Қирғизистон танҳо барои мардуми Чунғара посгоҳи Қайтмас – Риштон боз гардид. Онҳо метавонистанд бидуни воситаи нақлиётиашон ин посгоҳро убур кунанд.

Дар Чунғара як мактаби таҳсилоти умумӣ фаъолият мекунад. Бунгоҳи тиббӣ, нуктаҳои маишӣ ва савдо барои аҳолии ин деҳа хидмат мерасонанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

# МУҲОКИМАИ ЛОИҲАИ НАВИ ҚОНУН "ДАР БОРАИ ТАЪЛИМ"

(Аввалаш дар саҳ.1).

Мувофиқи қонуни нав фарзандони то сесола дар оила аз волидайн ва аз сесолагӣ дар кӯдакистон ва аз ҳафтсолагӣ бо қадамниҳӣ дар дабистон то синфи ёздаҳ, пас аз хатми мактаби таълими умумӣ, литсей таҳсилро ихтиёрӣ дар мактабҳои олии кишвар ва берун аз он идома медиҳанд. Ин таълими муқаррарист, ки он андрагогӣ ба шумор намеравад. Таълими андрагогӣ барои шахсоне ташкил карда мешавад, ки онҳо дар ҷавонӣ сари вақт мактаби таълими умумӣ, ё худ коллеҷи касбу ҳунарро то ба охир нарасонида, ҳуҷҷати маълумоти дахлдорро ба даст надаровардаанд, аммо мехоҳанд, ки он таълимро фаро бигиранд. Таълими андрагогӣ тибқи дастурҳои хоса ба роҳ монда мешавад.

"Инклюзив" вожаи вомии лотинӣ буда, он дар забони тоҷикӣ ба маънои "фаро гирифтан" корбаст мешавад. Ибораҳои "таълими фарогир", "таълими инклюзив" муродифи ҳамдигар буда, аз ҷиҳати тобиши ифодаи маъно тафовут надоранд. Дар ин гуна мактабҳо ба кӯдакон дар бораи ҳуқуқи инсон маълумот медиҳанд, шогирдон бо якдигар муошират карда, ҳамдигарро аз наздик мефаҳманд. Таълими инклюзив раванде мебошад, ки омӯзиши барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд бо ҳамсолоне, ки солим ҳастанд, якҷоя ба роҳ монда мешавад. Дар моддаи 19 таълими инклюзив бо ҳамин роҳ ба амал татбиқ намудан, инчунин дар шакли инфиродӣ дар хонадонҳои шахсони ҷисман ва руҳан нуқсондор бо иҷозати ташкилотҳои ваколатдор ташкил карданро пешбинӣ менамояд.

Таълими экстернат дар моддаи 20 бо тамоми хусусиятҳои меъёри ҳуқуқӣ тавзеҳ гардидааст. Он мустақилона дар натиҷаи азхуднамоии бобу мавзӯъҳои дастурии фанҳои синфи оянда ба амал меояд. Таълими экстернат талабҳои худро дорад, ки он дар ҳуҷҷатҳои марбути зерқонун ба таври бояду шояд зикр гардидааст. Таълиму амали аз синф басинфгузаронӣ аз амали таълими экстернат андаке фарқ дорад. Дар ҳар як чоряк ва охири соли хониш натиҷаҳои дониши аз синф басинфгузаронӣ ҷамъбаст карда мешавад. Ҷамъбасти таълими экстернат дар охири сол дар вақти имтиҳонсупорӣ бо мақсади муайян намудани дониши донишомӯзи соҳибистеъдоди худомӯз бо иштироки ҳайати комиссия баргузор мегардад. Агар донишомӯзи соҳибистеъдод аз имтиҳоноти таълими экстернат бомуваффақият гузарад, он гаҳ вай дар синфи оянда таҳсили муқаррарӣ нагирифта, бо ҷаҳиши фосилаи синфӣ ба синфи пешқадами калонсолон мегузарад.

"Инноватсия" калимаи вомии англисӣ буда, он дар забони тоҷикӣ маънои ихтироъ, идеяи навро ифода мекунад. Вожаи "нававарӣ" муродифи калимаи "инноватсия" пиндошта мешавад. Инноватсия натиҷаи ниҳоии фаъолияти зеҳниву ақлии инсон, самараи тахайюлу эҷод ва бозёфту кашфиёт. Фаъолияти инноватсионии соҳаи таълим барои ноил гардидан ба комёбиҳои нав ба нав шароит фароҳам меорад. Ба воситаи фаъолияти инноватсионӣ сифати таълиму тарбия дучанд афзуд. Технологияи педагогӣ, методҳои интерактив, таълими интегратсионию пайдарҳамӣ, модулӣ, босалоҳиятӣ ва ғайра навъҳои фаъолияти инноватсионӣ ба шумор меранад, ки ҳар яки он дар рушду такони таълиму тарбия мавқеи муайянро дорад. Амали инноватсионӣ дар моддаи 36 бо тамоми хусусият дарҷ гардидааст. Бо фаъолияти инноватсионӣ баҳри баланд бардоштани дониш, малака ва маҳорати шогирдон кӯшиш кунед, то ки онҳо дар оянда чун шахсони кашфиётгари соҳибистедод, соҳибқобилият ба камол расанд. Ҳукумат ҳамеша ба шахси кашфиётгару ихтироъгар эътибор медиҳад, илму амалашро муносиб қадр мекунад.

Боварӣ дорам, ки омӯзгорон бо қонун ошно гашта, дар "Соли рушди илм, маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ" дар таълиму тарбияи ворисони оянда бо фаъолияти инноватсионӣ камар мебанданд.

**Таваккал ЧОРИЕВ,**
**узви Кумитаи масъалаҳои фан, таълим, фарҳанг ва варзиши Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

# ПАНДИ "ПАНДЕМИЯ"



Ночор бояд зикр намоем, ки алъон дунёи куҳан ба дарди ҷонсӯзи наве бо номи "коронавирус" гирифтор шудааст, ки монандашро падару бобоёнамон ёд надоранд. Таърих аз чунин воқеа огоҳ нест. Волидайни мо дар замони худ аз вабову ҷанги ҷаҳонӣ ғолиб берун омада буданд. Имрӯз майдони мубориза ҷойгоҳи мо – фарзандони ҳамон музаффарон аст.

Дар баҳори имсола якҷо бо сабзаву гул ва дигар зебоиҳои "арӯси сол" ин иллат "меҳмон"-и диёри сарсабзи мо гардид. Манбааш куҷост? Ба ин ва чанд саволи дигар ҳоло ҷавоби дақиқе надорем ва он чандон муҳим ҳам нест у бо гузашти айём рӯшан хоҳад шуд.

Саломатӣ барои ҳар шахс фарз аст. Мо – бандагон вазифадор ҳастем, ки ин амонати Худоро ҳифз намоем, яъне аз пайи ҳифзи ҷони хеш бошем ва бо мадади Аллоҳи таоло дар муҳориба бо ин маризии ҷонсӯз, иншоаллоҳ, зафар ёбем. Имрӯз чархи гардун ин имтиҳони гаронро ба дӯшамон афкандааст. Хурду калон ва дорову нодор дар пеши он яканд. Бубинед, ки ин вабои аср қисмати зиёди фарзандонамонро, ки бо ҳар сабаб дур аз ватан буданд, бо зудӣ назди қавму авлодонашон расонид. Яъне чархи гардун моро якҷо менамояд, ки қавитар гардем ва тоби муборизаро дошта бошем.

Мо бояд насли одамро амон нигаҳ дорем. Аммо ин кори оддӣ нест. Имрӯзҳо ҳамагон, ҳар кадоме лоиқи қудрати худ, бо ин "душмани ноаёни одамӣ" меҷанганд. Ташкилотҳои дахлдори байналхалқӣ, роҳбарони давлату ҳукуматҳо, мутахассисон, арбобону донишмандон ҳамаи чораҳоро дида истодаанд. Дунё, он дунёе, ки ба пораҳо тақсим буд, имрӯз як дард дорад.

Дар ин майдони ҳарбу зарб мавқею мақоми ҳар шахс муайян аст, аммо ғалаба фақат ва фақат якҷо ба даст хоҳад омад.

Дар ин лаҳзаҳо мисраъҳои маъруфу машҳури Шайх Саъдӣ ба ёд мерасанд:

*Банӣ одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як*
*гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*
*Ту к-аз меҳнати*
*дигарон беғамӣ,*
*Нашояд, ки номат*
*ниҳанд одамӣ.*

Мову шумо гувоҳи онем, ки тараққиёти ҷамъият дар бисёр маврид аз мо вобаста нест ва гоҳо дар пеши ҷӯшу хурӯши табиати саркаш ночорем.

Роҳи наҷот аз мушкилиҳои имрӯза дар покиву якдилист, дар муҳаббат аст. Якдилӣ ба маънои якдилии халқ дар муборизаи беамон бар зидди ин офат. Одамон ҳар ҷо барои набард бо ин дарди ҷонсӯз ҳар навъ шароит доранд ё надоранд. Фақат ҳамбастагӣ, бародарӣ онҳоро наҷот хоҳад дод. Бояд ба нишондодҳои пешвоён ва мутахассисону олимон амал намоем. Атрофиёни худро дӯст дорем. Аз муҳаббат натарсем, зеро он фақат муҳаббат бор меораду бас. Дар роҳи нек ва дастгирии дигарон кӯшиш ба харҷ диҳем. Хато дар ин ҷода набахшиданист ва дар бисёр маврид ба баҳои ҷон аст.

Имрӯз вазъият бисёр ҳассос аст. Дар назди мардум нафақат масъалаи наҷоти саломатии шахс, балки мушкилоти бехатарии миллӣ, амонии дунё гузошта шудааст. Вақте фаро расидааст, ки кас ба хотири ҳимояи худ ва ҷамъият бояд баъзе чораҳои муваққатии эҳтиётиро андешад. Аз ҷумла: вазифаҳои шаҳрвандии худро пурра адо созад; бадани худро пок нигаҳ дорад; дар хона биншинаду дар қатори дигар машғулиятҳо худро аз канор наззора ва ислоҳ намояд; ба тарафи сифатҳои аслии инсонӣ руҷӯъ кунад; аз таҷрибаи дунявӣ баҳраманд гардад; хайрхоҳу мададгори муҳтоҷон бошад; диққату муҳаббати худро ба аҳли оила дареғ надорад; муҳаббати хонаводагиро аз нав тоза созад ва онро азизу муътабар нигоҳ дорад; ширинию нотакрории наслро эҳсос намояд; дарк намояд, ки тарбияи фарзанд, ки натиҷаи умри инсон мебошад, вазифаи муқаддаси падару модар аст. Вақте расид, ки гармии кулбаи хешро зиёдтар эҳсос намоем ва муҳаббати оилавӣ ба мо дар мубориза дучанд қудрат бахшад, аз нопокиҳо, аз амалҳои ношоиста хоки диёрамон, дунёро пок созем.

Алҳол, роҳбарони ҷумҳуриямон ҳамаи чораҳои лозимиро мебинанд ва новобаста ба мушкилоти зиёди ба ин муносибат бамиёномада, сиҳҳатии одамон – шаҳрвандонро дар madди аввал мегузоранд. Ин боиси ифтихори мост.

Биёед, пок ва некӯхоҳи фарзанди одам бошем. Фақат нони ҳалол дар дастархони мо бошад. Ҳар як офаридаи Парвардигорро эҳтиром намоем ва умеди онро дар дил парварем, ки ин ҷода моро ба ғалаба меорад.

Ин рӯзҳои пурташвиш ҳам мегузаранд. Ин инқироз, бешубҳа, муносибатҳои ҷамъиятиро тағйир хоҳад дод ва албатта боиси ҷаҳише дар тараққиёти иқтисодии ҷамъият ва тафаккури одамон хоҳад шуд.

Ҳамчун фарзанди асили ин диёр мо бояд ба маҳдудиятҳои ба хотири ҳифзи сиҳҳатиамон қабулнамудаи ҳукуматамон бо қатъият риоя намоем. Бо сабру шукрона мушкилиҳоро паси сар карда, умеди давронн некро дар дил парварем.

**Наҷмиддин РАШИДОВ,**
*шаҳри ТИРМИЗ.*



*Дар арафаи ҷашни Ғалабаи бузург ва Рӯзи хотираву қадршиносӣ – 9 Май барои халқи маърифатпарвари мо боз як тӯҳфаи шоиста тайёр карда шуд.*

***Дар сурат:*** *асари фарзанди фидокори Ватан ва халқамон, арбоби шинохтаи давлатӣ ва ҷамъиятӣ, адиби маъруф Шароф Рашидов таҳти унвони «Бо муҳаббат пирӯзам доим» аз чоп баромад.*

***Сурати ЎзА.***

## ВАТАНИ АЗ ҶОН АЗИЗ

Китоби раҳбари Маркази миллӣ-мадании тоҷикони вилояти Ҷиззах Абдукарим Шарифов ба номи "Аз ҷон азиз Ватан" аз чоп баромада буд. Дар ин китоб муаллиф дар бораи ҷанг ҳикоя карда мегӯяд, ки қариб 200 нафар ҷанговарон танҳо аз деҳаи Ӯхми ноҳияи Фориш ба рамзгоҳҳо раҳсипор шудаанд ва аз нисф зиёдашон барнагаштанд. Китоб аз роҳу зиндагии ҷанговарон Раҳмонқул Фармонов, Кӯшарбой ва Дармонбой Ниёзовҳо ва Назармат Эгамназарову Пардабой Абдиеви синтабӣ ҳикоя мекунад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

Панди рӯзгор

## «ДУО ИБОДАТ АСТ»

Субҳ чун ҳаррӯза дару тирезаи хонаҳоро кушодам ва ба айвон баромадам. Ҳавои тоза ва беғубори саҳарӣ ба кас ҳаловат мебахшид. Дилам мехоҳад ба кӯча бароям у аз ин ҳавои фараҳбахш, аз бӯйи гулу себаргаҳои навсабз баҳра бардорам, дар гулгашту хиёбонҳои шаҳр гаштугузор кунам. Ё сайри зодгоҳи азизам – Эҷи биҳиштосо намуда, кӯҳҳои бовиқор, чашмаҳои зулол, боғҳои сабзу хуррам ва ҳамдеҳагони дар меҳнати сангини кӯҳистон обутобёфтаамро дида, бори дигар бачагиамро ба ёд оварам. Аммо вазъи пуртаҳлукаи имрӯз, ки мардуми ҷаҳонро ба танг овардааст, тақозо менамояд дар хона нишинем.

Аз маҳаллаамон куҳансоле, ки дер боз бистарӣ будааст, аз олам чашм пӯшид. Тобутро 5-6 нафар ба сари китф гирифта, ӯро ба манзили охират гусел карданд. Ҳама ниқоб доштанд...

Ин манзараи ҳузноварро дида дилам ганда шуд ва беихтиёр дуоҳои момоям, ки беист такрор мекард, ба ёдам омад: «Аз балои азим худат нигоҳ дор!», «Худо, мардумро парешон накун, гуноҳҳои эшонро, ки донистаю надониста содир кардаанд, бубахш!»

Хурд будем, мазмуну моҳияти ин дуоҳоро намефаҳмидем. Момоям мегуфт: «Ду писари паҳлавонамро баҳри ҳимояи Ватан ба ҷанги зидди Гирмон гусел кардам. Калонӣ бо зафар баргашт, вале ба туфайли асоратҳои ҷанг умри кӯтоҳ дид. Хурдӣ бедному нишон шуд, ҳатто «хати сиёҳаш» наомад. Ҳамеша дуо мекунам, ки инсон хуни инсонро нарезад, модар аз марги фарзанд, арӯс дар фироқи ёр ашк нарезад. Падари танҳоятро дар замони қаҳтию гуруснагӣ гурбавор калон кардам. Худо дар паноҳаш нигоҳ дорад!»

Вақте ба мактаб мерафтам, момоям мегуфт: «Бо баҳои аъло хон, ба муаллимат гӯш андоз». Бо дуои момоям, ки «Сафарат бехатар бод, роҳи сафед», гуфта буд, ба донишкада дохил шудам ва онро бо муваффақият хатм намудам. Баъди нонуштаи саҳарӣ момоям дуо мекард: «Чойи пагоҳ – қабули даргоҳ». Ё пас аз хӯроки нисфирӯзию бегоҳирӯзӣ бо шукронаи ӯ аз гирди дастархон мехестем: «Шукри Офаридгор, ризқамонро аз ин ҳам зиёда гардонад, файзу баракоти дастархонро диҳад». Вақте набераҳоро хонадор мекард ё ба шавҳар медод, «Худо бахту тахтатро диҳад, қӯшапир шавед, кӯдакони ширин хонаатро пур кунанд!» гуфта даст ба дуо мебардошт.

Вақте сару тани момоямро мешустам, миннатдорӣ баён мекард: «Илоҳо, кам нашавӣ, дастонат дардро набинанд!»

Ҳоло худ момо ҳастам, дуоҳои модаркалонамро такрор-такрор ба забон меорам.

Саҳифаҳои китоби «Дуоҳое, ки Расулуллоҳ (с.) хондаанд» варақ мезанам. Дар он доир ба аҳамият ва фазилатҳои дуо фикрҳои ҷолиб оварда шудаанд.

Вақте инсон ба мушкилӣ, ғаму андӯҳ, нобаробариҳои зиндагӣ рӯ ба рӯ мегардад, беихтиёр ба Офаридгор илтиҷо мекунад, аз Ӯ наҷот меҷӯяд. Табибон таъкид менамоянд, ки бемориҳои рӯҳӣ бисёртар бо усули дуохонӣ шифо меёбанд. Дуо ба руҳияти инсон таъсири хуб расонда, ӯро аз дарду ғам, андӯҳу алам сабук мегардонад.

Дар саҳифаи 114-уми китоб дар боби «Баъзе ҳадисҳои шарифи Пайғамбар доир ба фазилатҳои дуо» оварда шудааст: «Аз Абу Ҳурайра (р.): «Расули акрам(с.) мегӯянд: «Дуо ибодат аст», «Нафароне, ки дуо карданро намеписанданд, ба ғазаби Аллоҳ гирифтор мешаванд». «Дуо дафъкунандаи ҳамаи балоҳост».

Пас, азизон, баҳри осоиштагии Ватан, хотирҷамъӣ, бахту саодат ва камоли фарзандон бояд ҳамеша даст ба дуо бардорем.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА.**



Дар ноҳияи Қуваи вилояти Фарғона парвариши пилла муташаккилона ба роҳ монда шудааст.

Пиллапарварони Қува, ки дар мавсими имсола 2750 қуттии кирмакро парвариш мекунанд, ният доранд, ки беш аз 252 тонна маҳсулоти саноатиро расонда диҳанд. Бо ин мақсад 252 хоҷагии фермерӣ бо 890 нафар хонакор мувофиқи тартиби муқарраршуда шартномаи меҳнатӣ бастаанд. Ғайр аз ин боз 2650 нафар аҳолӣ ба ин кори мавсимӣ ҷалб гардидаанд.

**Дар сурат:** дар ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Қуваагропилла».

**Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).**

## Тарбияи фарзанд амонат аст

### ҳақ надорем ба он хиёнат намоем

Дар бистсолагӣ ба шавҳар баромадам. Дар арафаи модар шудан дар бораи тарбияи фарзанд маълумоти кам доштанамро фаҳмидам. Ҳам ман, ҳам шавҳарам фақат дар ҳамон ҳолат чӣ қадар масъулиятталаб будани ба дунё овардани фарзанд ва тарбияи онро идрок сохтем.

Меҳмони нав ба дунё омад. Дар ин байн шавҳарамро дар асоси шартномаи сафарбарӣ ба хидмати ҳарбӣ даъват намуданд. Ман бо кӯмаки модаршӯям ба парвариши тифл шурӯъ кардам. Китобҳоро варақ задам, аз саҳифаҳои интернет доир ба тарбияи фарзанд мавзӯъҳо ҷустам. Ҷустуҷӯҳо зоеъ нарафтанд. Андак бошад ҳам барои ба фарзандам модари хуб будан кӯшидам.

Баъде шавҳарам аз хидмати муддатноки ҳарбӣ баргашт, ҳамроҳ оиди дуруст нигоҳубин сохтан, калон кардан ва тарбия намудани фарзандамон мулоҳиза мерондагӣ шудем. Вале падару модар шудан ба ҳардуямон ҳамон осон намекӯчид. Дар ҳаёти оилавиамон масъалаву муаммоҳои нав пеш меомаданд.

Воқеан ҳам падару модар шудан, тарбияи дурусти фарзандро ба роҳ гузоштан, ба таомулҳои оиладорӣ риоя сохтан ба ҳар як инсон аз авалин ва муқаддастарин вазифаҳо будааст. Тавре бобою момоҳоямон мегӯянд, меваи тарбияи дуруст ширин будааст. Вале ба кӯдак дар вақташ тарбияи дуруст дода тавонистан, тавре ки мо, ҷавонони рӯз фикр мекунем, кори саҳл набудааст. Бинобар надоштани таҷрибаи кофӣ, ростӣ, ману ҳамсарам дар масъалаи оиладорӣ ва тарбияи фарзанд андак ба мушкилӣ дучор шудем.

Ҳамсолони азиз, дугонаҳои муҳтарам! Агар корҳои рӯзгорро дар вақташ иҷро карда натавонед, метавонед аз каси дигар кӯмак пурсед. Дар корхона ба ҳисобу китоб дармонед, онро ислоҳ кардан мумкин. Вале агар ба сифати падару модар ба хатоӣ роҳ диҳед, шахси дар ҳаёт наздиктарин – фарзанди ба ҷон баробаратон рӯзе азият кашиданаш мумкин. Ва ин нороҳатӣ, эҳтимол, тамоми умр давом намояд.

Гуфтаниам, падару модарӣ ӯҳдадории бузург аст. Зеро сари китфи падару модар бори оддӣ не, амонати бебаҳост ва бардоштани он осон нест. Ба ин амонат хиёнат кардан нораваст.

Ҳар яки мо, охир, барои имрӯз ва фардои норасидаҳои худ, барои мустаҳкамии пояи хонадони худ масъулем. Бахт ва иқболи фарзандон, ки бо умед ба рӯямон менигаранд, мисле дар рӯи кафҳои дасти мо.

**Ф. РАҲМАТОВА,**
**вилояти Бухоро.**

## ҶАНГИ ҶАҲОНӢ ДАР САҲИФАҲОИ АДАБИЁТ

Солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Тошканд нафақат «аслиҳахонаи бузург», балки яке аз марказҳои адабию фарҳангӣ дар собиқ иттиҳод қарор гирифта буд. Ташкилоти адибон, ки ба он Ҳамид Олимҷон сарпарастӣ мекард, дар муттаҳидсозии қувваҳои эҷодӣ нақши босазо бозид. Даъват ба меҳнат ва дифои кишвар, сафарбарсозии артиш ба сангарҳои хунин, баланд бардоштани рӯҳи меҳнаткашон ва ҷанговарони мо дар ақибгоҳ ва фронт муҳимтарин мавзӯъ қарор ёфта, шеър, ҳикоя, қиссаву достонҳое офарида мешуданд, ки мардонагии аскарони моро дар арсагоҳҳо, диловарии аҳли заҳматро дар ҷабҳаҳои меҳнат инъикос менамуданд. Ғафур Ғулом, Ойбек, Уйғун, Шароф Рашидов, Мақсуд Шайхзода, Ғайратӣ, Зулфия, Собир Абдулло, Миртемир, Султон Ҷӯра, Амин Умарӣ, Ҳасан Пӯлод, Туроб Тӯла, Мирмуҳсин, Асқад Мухтор, Мамарасул Бобоев ва дигарон сермаҳсул эҷод менамуданд.

Ҳанӯз солҳои аввали ҷанг Ҳамид Олимҷон бо унвони «Эвакуатсия» як силсила шеърҳои ватанпарварона навишт, ҷасорат ва мардонагии ҷавонмардони фидоии моро дар пардаҳои баланд тараннум сохт. Ба қатори беҳтарин шеърҳое, ки дар он солҳои пурошӯб аз ҷониби К. Симонов, А. Твардовский, Н. Тихонов, В. Луговский, М. Исаковский барин шоирони бузург навиштаанд, «Ниҳол», «Йигит», «Салом ба гвардиячиҳо», «Ба дӯсте, ки аз Шарқ ба Ғарб меравад», «Шинел», «Воҳӯрӣ» барин сурудаҳои ӯ беҳтарин шеърҳои давраиҷангӣ эътироф шудаанд.

Маълум, ки ҳанӯз аз моҳҳои аввали ҷанги хонумонсӯз ба Тошканд аз Украина, Белоруссия ва Русия, хусусан аз Маскав ва Ленинград қувваҳои калони эҷодӣ ва илмӣ низ эвакуатсия шуда буданд. Адибон, арбобони намоёни адабиёт ва ҳунар аз қабили Алексей Толстой, Якуб Колас, Анна Ахматова, Владимир Луговский ва дигарон ба Тошканд омаданд, бо эҷод ва такон бахшидан ба ҷараёнҳои адабӣ пойтахти ҷумҳурии моро ба маркази калони адабиёти сермиллат табдил доданд. Аз ҷумла, Алексей Толстой мақолаҳои зиёди публитсистиашро дар мавзӯи ҷанг ва дифоъ аз душман дар Тошканд иншо кард, дар рӯзномаи «Правда» чоп кунонд.

Овози суханварони рус, украин, белорус, латиш, литвонӣ, молдаван ва ғайра, ки дар маркази Ўзбекистон гирд омада буданд, дар тамоми мамлакат баланд танин андохт.

Образнок ифода намоем, дар ин ҷо спектаклҳои аҷиби ватанпарварона ба намоиш гузошта шуданд. Асарҳои бадеӣ, филмномаҳое офарида шуданд, ки хусусиятҳои даъваткунанда дошта, солҳои душвори ҷангро дар пеши назар ва тасаввуроти китобхону тамошобинон зинда мегардонанд. Маҳфилҳои адабӣ, митингу гирдиҳамоиҳо дар фаҳмондани моҳияти ҷанг, баланд бардоштани рӯҳи мардум, иродат бахшидан ба ҷанговаронамон нақши муҳим мебозанд. Дар он шароити вазнин бо суръати тез чоп ва паҳн сохтани китоб ба роҳ гузошта шуда буд.

Бобҳои ҷудогонаи трилогияи «Зиндаҳо ва мурдаҳо»-и Константин Симонов, хусусан, китоби дуюми ин сегона, ки «Аскар таваллуд намеёбад» ном дорад, дар Тошканд эҷод гашт. Дар бораи фаъолияти коргарони «Тоштекстилмаш», ҳамкории заҳматкашон, ки мансуб ба миллатҳои гуногунанд, аз ин асар лавҳаҳои ҷолиб мутолиа сохтан мумкин. Ҷуз ин адиби бузурги рус К. Симонов дар китоби хотироташ аз меҳру оқибат, меҳмондӯстии халқҳои таҳҷоӣ арзи сипос намудааст.

Адиби номвари Белорус Якуб Колас, ки ду сол қабл бо ташаббуси Президентамон муҷассамааш дар яке аз хиёбонҳои Тошканди адабпарвар гузошта шуд, 60-солагии худро дар диёри мо ҷашн гирифта буд. Ба иди воқеии адабиётҳои кишвар табдил ёфта буд бузургдошташ. Ба ин муносибат ашъораш ба ӯзбекӣ тарҷума ва дар шакли китоби алоҳида ба дасти хонанда расид, ки ин ҳам дар ҳамон шароити сахт ва ногувор аз кушодадилии халқҳои мо ва тантанаи интернатсионализми оташин гувоҳӣ медод.

Тавре дар манбаъҳо қайд шуда, корҳои эҷодӣ дар Тошканд як нафас ҳам истода намонд. Рӯзнома, радио, китоб, шабнишиниҳои адабӣ, митинг ва гирдиҳамоиҳо дар мубориза алайҳи фашизм ба минбари воқеии разманда табдил ёфта буд.

Бо ташаббуси ташкилоти адибони Ўзбекистон ҷомаи табъ ба бар кардани маҷмӯаи «Ҷоноҷон Ленинград» низ воқеаи муҳими адабӣ гардид. Ҳамид Ғулом дар хотираҳояш ин тавр қайд кардааст: «Ман дар тарҷумаи бадеӣ низ табъ озмуда ва аз эҷоди Петр Павленко, Николай Ушаков, Владимир Луговский, Якуб Колас, Эди Огнесвет, Микола Терещенко, Иосиф Уткин ва дигарон намунаҳо ба ӯзбекӣ бармегардондам. Тавассути радио бошад, баромадҳои ин гуна адибонро ташкил менамудам».

Қариб ҳамаи адибони мо дар мавзӯи ҷанг асарҳои дар шакл ва навъ гуногун офаридаанд. Чӣ дар солҳои ҷанг ва чӣ солҳои баъдиҷангӣ осори зиёд дар ин мавзӯъ иншо ва дар онҳо ҳиммат, мардонагӣ, кушодадилии халқҳои маҳаллӣ бо ранг ва тобишҳои бадеӣ ҷилва намудаанд. Масалан, Ғафур Ғулом солҳои 1941-1945 ҳарорати қалб ва нури чашми худро ба иншои шеърҳое бахшид, ки манзара ва оқибатҳои ҷангро пеши назари мо зинда месозанд, олами маънавии халқи соҳибфазилати моро ба ҷаҳониён намоён мекунанд. «Ту ятим нестӣ», «Гусел», «Вақт», «Пазмонӣ» барин шеърҳои оташбор ва гузоришоти публитсистиаш ба ин мисол шуда метавонанд. Шоир Собир Абдулло баробари шеърҳо «Қурбон Умаров» ва «Давронота» ном песаҳо навишт, ки дар онҳо ҳаёти ҷанговарони мо ва меҳнати заҳматкашонамон дар ақибгоҳ инъикос ёфтаанд. Назир Сафаров ба сифати журналисти ҳарбӣ дар хати пеши фронт ба задухӯрдҳои шадид гувоҳ гашт, дар бораи қаҳрамонии ҷанговарони мо «Баҳодуре, ки ба вай тир намегузарад», «Қаҳрамон аз Водил», «Муҳаббат», «То нафасҳои охирин», «Тавлиди қаҳрамон» ном очеркҳо иншо кард. Абдулло Қаҳҳор низ фаъолияти эҷодии худро ҷоннок ва «Асорбобо», «Қаҳрамон аз Дардак», «Бонувон», «Ситораи тилло» ном асарҳо дар бораи ҷанг навишт. Мақсуд Шайхзода маҷмуаҳои алоҳидаи шеърӣ дар ин мавзӯъ нашр кунонд, ки «Мубориза барои чӣ?», «Ҷанг ва суруд», «Қалб мегӯяд, ки...» унвон доранд. Драмаи таърихии ӯ «Ҷалолиддин Мангубердӣ», айни замон, солҳои ҷанг навишта ва саҳнавӣ гардонда шудаанд. Мирзокалон Исмоилӣ чун журналисти ҳарбӣ хидмат ва воқеаҳои ҷолиби дар сангаргоҳҳо гувоҳшудаашро қаламӣ намуд.

«Марг ба истилогарон» ном драмаи Комил Яшин шуҳрати калон пайдо кард. Султон Ҷӯра баробари қалам бо автомат низ алайҳи фашистон размид ва соли 1943 дар Белорус қаҳрамонона ҳалок гашт.

Зулфия бо «Ӯро Фарҳод мегуфтанд», «Дар рӯзҳои ҳиҷрон» ном асарҳояш азоб ва изтиробҳои қалбии пайвандонро, ки бинобар воқеоти ногувор аз ҳам дур афтода буданд, муассир қаламӣ сохт. Дар «Уфуқ» ном трилогияи Саид Аҳмад низ воқеаҳои давраиҷангӣ таъсирнок баён гардидаанд. Яке аз беҳтарин асарҳо дар бораи ҷанг «Ту ятим нестӣ»-и Раҳмат Файзӣ мебошад. Ӯ бо ин унвон аввал киносенарий, баъдтар роман навишт, ки эътибори умумро ба худ кашиданд.

Қаҳрамонҳои зиёд баромаданд аз Ўзбекистон, ки дар ҷанг корномаҳои бемисл нишон додаанд. Вале на ҳамаи онҳо, айни замон, қаҳрамонони шеър, достон, қисса ва ёдномаи аҳли қалам будаанд. Фарзанди шарафманди Сӯх Тешабой Одилов, ки чун қаҳрамони афсонавӣ ном баровард, бо диловарии хос эътибори адибони зиёдро ба худ кашид, ки ба миллатҳои гуногун мансубанд. Баробари Павел Лукницкий, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Сотим Улуғзода барин адибони номвар як қатор адибони ӯзбек душманро бе хато банишонгирии «мергани уқобчашм»-и фарғониро дар намунаҳои назмию насриашон мадҳ кардаанд. Аз ҷумла, Ойбек дар «Йигитнинг йигити» ном шеъраш нисбати ӯ эҳсоси қалб ин тавр баён намуд:

*Ҳар кўнгилда унга муҳаббат,*
*Тарихларда у қолур абад.*
*Қўрқув билмас, полвон Тешабой,*
*Шонлар сенга, арслон Тешабой!*

**М. ШОДИЕВ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-535. Адади нашр 793, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.